## *ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН*

**Дар бораи намунаҳои саноатӣ**

**(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2004, №2, мод. 48)**

Маҷлиси намояндагон 24 декабри соли 2003 қабул кардааст
Маҷлиси миллӣ 12 феврали соли 2004 ҷонибдорӣ намудааст

Қонуни мазкур муносибатҳои молумулкӣ ва муносибатҳои шахсии ғайримолумулкии ба онҳо алоқамандро, ки бинобар офариниш, ҳифзи ҳуқуқӣ ва истифодабарии намунаҳои саноатӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меоянд, танзим мекунад.

### БОБИ 1.
### МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

***Моддаи 1. Баъзе мафҳумҳои дар Қонуни мазкур истифодашаванда***

***Созишномаи Париж*** – Конвенсияи Париж оид ба ҳифзи объектҳои моликияти саноатӣ аз 20 марти соли 1883 бо тағйиру иловаҳои минбаъда;

***схемаи эргономӣ*** – схемае ки таносуби андозаҳои объекти намунаи саноатиро дар системаи «инсон - мошин» инъикос мекунад;

***харитаи конфексионӣ*** –намунаи матоъҳои бофтаю трикотажӣ, чарм, маводи ороишӣ ва ғайра, ки барои тайёр намудани маҳсулот тавсия карда мешаванд (дар сурати пешниҳоди намунаи саноатие, ки ба саноати сабук дахл дорад, тартиб дода мешавад);

***хабарномаи расмӣ*** - нашрияи расмии даврии Идораи патентӣ оид ба масъалаҳои ҳифзи объектҳои моликияти саноатӣ;

***шартҳои патентпазирӣ*** – шартҳои бо Қонуни мазкур муқарраршудаи додани ҳифзи ҳуқуқӣ ба намунаи саноатӣ.

***Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи намунаҳои саноатӣ***

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи намунаҳои саноатӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст, иборат аст.

***Моддаи 3. Мақоми давлатӣ оид ба ҳифзи объектҳои моликияти саноатӣ***

Мақоми давлатӣ оид ба ҳифзи объектҳои моликияти саноатӣ (минбаъд – Идораи патентӣ) амалигардонии сиёсати ягонаи давлатиро дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқии объектҳои моликияти саноатӣ, аз ҷумла намунаҳои саноатӣ, таъмин мекунад, аризаҳоро оид ба гирифтани патент барои намунаи саноатӣ қабул мекунад, аз рӯи онҳо санҷиш мегузаронад, бақайдгирии давлатӣ ва нашри расмии маълумотро дар бораи намунаҳои саноатӣ ба амал мебарорад, патентҳоро барои намунаҳои саноатӣ медиҳад, ҳамчунин вазифаҳои дигари ба зиммааш гузошташударо иҷро мекунад.

Дар назди Идораи патентӣ Шӯрои шикоятӣ амал мекунад, ки он мақоми ҳатмии аввалини маъмурӣ буда, масъалаҳои баҳсталаби марбут ба ҳифзи ҳуқуқии объектҳои моликияти саноатиро ҳал менамояд. Шӯрои шикоятӣ ваколатҳои худро дар асоси қонунгузории ҷорӣ ва Низомномаи Шӯрои шикоятӣ, ки онро роҳбари Идораи патентӣ тасдиқ мекунад, ба амал мебарорад.

***Моддаи 4. Намояндагӣ***

Шахсони воқеӣ, ки ба таври доимӣ берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат мекунанд ва шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ё намояндагони онҳо корро бо Идораи патентӣ ба воситаи намояндагони патентии дар Идораи патентӣ бақайдгирифташуда ва ваколаташон бо ваколатномаи тасдиқшуда пеш мебаранд.

Ба сифати намояндаи патентӣ шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба тариқи доимӣ дар қаламрави он истиқомат мекунад ва дараҷаи тахассусаш ҷавобгӯи талаботи муайян аст, хизмат карда метавонад.

Талаботро нисбати дараҷаи тахассуси намояндагони патентӣ, тартиби аттестатсия ва бақайдгирии онҳоро дар Феҳристи давлатии намояндагони патентӣ Идораи патентӣ муқаррар мекунад.

## БОБИ 2.
## НАМУНАИ САНОАТӢ ВА ҲИФЗИ ҲУҚУҚИИ ОН

***Моддаи 5. Шартҳои патентпазирии намунаи саноатӣ***

Мувофиқи ҳамин Қонун ба сифати намунаи саноатӣ тарҳи бадеию конструктории маҳсулот, ки намуди зоҳирии онро муайян менамояд, ҳифз карда мешавад. Зимнан дар зери мафҳуми маҳсулот ашёҳои (предметҳои) истеҳсолоти саноатӣ ва косибӣ дар назар дошта мешаванд.

Агар намунаи саноатӣ нав ва аслӣ (оригиналӣ) бошад, ба он ҳифзи ҳуқуқӣ дода мешавад.

Намунаи саноатӣ ҳамон вақт нав ҳисобида мешавад, ки агар маҷмӯи аломатҳои асосии дар тасвирҳои маҳсулот ифодаёфта ва дар номгӯи аломатҳои асосии намунаи саноатӣ овардашуда аз маълумоте, ки то санаи аввалияти намунаи саноатӣ дар ҷаҳон дастраси умум гардидаанд, маълум набошад.

Ҳангоми муқаррар кардани навии намунаи саноатӣ ҳамаи намунаҳои саноатии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон патентноккардашуда, ҳамчунин аризаҳо ба намунаҳои саноатие, ки барои гирифтани патенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби шахсони дигар пешниҳод карда шудаанд (ғайр аз аризаҳои бозхондашуда), ба ҳисоб гирифта мешаванд, ба шарте ки аввалияти онҳо пештар бошад.

Намунаи саноатӣ ҳамон вақт оригиналӣ ҳисоб карда мешавад, ки агар аломатҳои асосии он ҷиҳатҳои эҷодкоронаи хусусиятҳои завқии (эстетикии) маҳсулотро муайян намоянд.

Аломатҳое, ки хусусиятҳои эстетикӣ ва (ё) эргономии намуди зоҳирии маҳсулот, тарҳу шакли он, нақшу нигор ва таносуби рангҳоро муайян мекунанд, ба аломатҳои асосии намунаи саноатӣ дохил мешаванд.

Патентпазирии намунаи саноатиро ошкор гардонидани маълумоте, ки дар натиҷаи он моҳияти намунаи саноатӣ дастраси умум гардидааст, коҳиш намедиҳад, агар ин амал аз ҷониби аризадиҳанда, муаллиф ё шахси дигаре, ки аз онҳо мустақиман ё ба тариқи ғайримустақим маълумоти ба намунаи саноатӣ дахлдорро ба даст овардааст, иҷро шуда бошад ва агар ариза барои намунаи саноатӣ на дертар аз шаш моҳи баъди санаи ошкор шудани ин маълумот ба Идораи патентӣ пешниҳод шуда бошад. Зимнан вазифаи исбот кардани ин ҳолат бар зиммаи аризадиҳанда гузошта мешавад.

Тарҳҳои зерин намунаҳои саноатии патентпазир ҳисоб карда намешаванд:

- тарҳҳое ки танҳо аз таъиноти техникии маҳсул бармеоянд;
- тарҳи объектҳои меъморӣ (ғайр аз шаклҳои хурди меъморӣ), иншооти саноатӣ, гидротехникӣ ва иншооти дигари собит;
- маҳсулоти чопӣ дар навъи худаш;
- тарҳи объектҳои шаклашон ноустувори аз моддаҳои моеъ, газмонанд, пошхӯранда ва амсоли онҳо сохташуда;
- тарҳи маҳсулоте ки хилофи манфиатҳои ҷамъиятӣ, принсипҳои инсондӯстӣ ва ахлоқ мебошад.

***Моддаи 6. Ҳифзи ҳуқуқии намунаи саноатӣ***

Ҳуқуқ ба намунаи саноатӣ аз ҷониби давлат ҳифз карда шуда, бо патент тасдиқ карда мешавад.

Патент барои намунаи саноатӣ (минбаъд – патент) аввалияти намунаи саноатӣ, муаллифӣ ба он ва ҳуқуқи истисноии истифодаи намунаи саноатиро тасдиқ мекунад.

Ҳаҷми ҳифзи ҳуқуқие, ки онро патент медиҳад, аз рӯи маҷмӯи аломатҳои асосии намунаи саноатӣ, ки дар тасвирҳои он (макет, сурат) ифода ёфтаанд, муайян карда мешавад. Тавсифи намунаи саноатӣ танҳо ба мақсади маънидод кардани аломатҳо хизмат мекунад.

Патент аз санаи ба Идораи патентӣ пешниҳод шудани ариза барои гирифтани патент дар муддати даҳ сол амал мекунад. Мӯҳлати амали патент бо дархости дорандаи патент аз ҷониби Идораи патентӣ ба муддати на зиёда аз панҷ сол дароз карда мешавад.

## БОБИ 3.
## СУБЪЕКТҲОИ ҲУҚУҚ БА НАМУНАИ САНОАТӢ

***Моддаи 7. Муаллифи намунаи саноатӣ***

Шахси воқеие, ки бо меҳнати эҷодии вай намунаи саноатӣ офарида шудааст, муаллифи намунаи саноатӣ ҳисобида мешавад.

Агар дар офаридани намунаи саноатӣ якчанд шахси воқеӣ иштирок карда бошад, пас ҳамаи онҳо муаллифони намунаи саноатӣ ҳисобида мешаванд. Тартиби истифодаи ҳуқуқҳои ба муаллифон тааллуқдоштаро созишномаи байни онҳо муайян мекунад.

Шахсоне, ки дар офаридани намунаи саноатӣ ҳиссаи шахсии эҷодӣ нагузошта, ба муаллиф(он) танҳо ёрии техникӣ, ташкилӣ ва моддӣ расонидаанд ё ин ки танҳо барои ба расмият даровардани ҳуқуқ ба намунаи саноатӣ ва истифодаи он мусоидат намудаанд, муаллифони намунаи саноатӣ ҳисоб намешаванд.

Ҳуқуқи муаллифӣ ҳуқуқи шахсии мусодиранашаванда буда, бе мӯҳлат ҳифз карда мешавад.

***Моддаи 8. Аризадиҳанда***

Ҳуқуқи пешниҳоди аризаро оид ба додани патент барои намунаи саноатӣ инҳо доранд:

- муаллиф(он)-и намунаи саноатӣ;
- корфармо, дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисми дуюми моддаи 9 Қонуни мазкур;
- ворис(он)-и ҳуқуқии муаллиф(он) ва ё корфармо.

***Моддаи 9. Дорандаи патент***

Патент ба шахсе, ки ӯро аризадиҳанда дар ариза оид ба додани патент зикр намудааст ва ё ба шахсе, ки ҳуқуқи дахлдорро бо тартиби вогузоркунӣ ба даст овардааст, дода мешавад.

Ҳуқуқи гирифтани патент барои намунаи саноатие, ки онро корманд вобаста ба иҷрои вазифаҳои хизматиаш ё супориши мушаххаси аз корфармо гирифтааш офаридааст, ба корфармо тааллуқ дорад, агар шартномаи байни онҳо ҳолати дигареро муайян накарда бошад.

Агар корфармо дар давоми чор моҳи баъди санаи аз ҷониби муаллиф дар бораи офаридани намунаи саноатӣ хабардор карда шуданаш ба Идораи патентӣ ариза надиҳад, ҳуқуқи пешниҳоди аризаро ба шахси дигар вогузор накунад ва ё муаллифро дар бораи махфӣ нигоҳ доштани намунаи саноатӣ огоҳ нанамояд, пас ҳуқуқи пешниҳоди ариза ва гирифтани патент ба муаллиф мегузарад. Корфармо дар ин ҳолат ҳуқуқ дорад ба дорандаи патент ҷуброни дар асоси шартнома муайяншударо пардохта, намунаи саноатиро дар истеҳсолоти худ истифода барад.

Ҳуқуқи гирифтани патент барои намунаи саноатие, ки корманд таҷриба, воситаҳои моддӣ, техникӣ ва дигар воситаҳои корфарморо истифода бурда, лекин на дар алоқамандӣ бо иҷрои вазифаҳои хизматӣ ё супориши муайяни корфармо офаридааст, ба корманд тааллуқ дорад, агар шартномаи байни онҳо ҳолати дигареро пешбинӣ накарда бошад. Корфармо дар ин ҳолат ҳуқуқ дорад ба дорандаи патент ҷуброни дар асоси шартнома муайяншударо пардохта, намунаи саноатиро дар истеҳсолоти худ истифода барад.

***Моддаи 10. Ҳуқуқи муаллифи намунаи саноатие, ки вобаста ба иҷрои вазифаҳои хизматӣ офарида шудааст***

Корманде, ки дар қисми дуюми моддаи 9 зикр шудааст, дар ҳолатҳои зерин ҳуқуқ дорад аз корфармо мутаносибан ба фоидаи бадастовардаи корфармо ва ё фоидае, ки корфармо метавонист аз намунаи саноатӣ ба таври лозимӣ истифода бурда, ба даст дарорад, подош гирад:

- патент гирифтани корфармо;
- ҳуқуқи гирифтани патентро ба шахси дигар вогузор кардани корфармо;
- аз ҷониби корфармо қабул намудани қарор дар бораи махфӣ нигоҳ доштани намунаи саноатӣ;

- бо сабабҳои аз корфармо вобаста нагирифтани патент аз рӯи аризаи аз ҷониби корфармо пешниҳодшуда.

Андозаи подош ва шартҳои пардохти он дар асоси шартномаи байни муаллиф ва корфармо муайян карда мешавад.

## БОБИ 4.
## АРИЗА ДАР БОРАИ ДОДАНИ ПАТЕНТ

***Моддаи 11. Пешниҳоди ариза***

Аризаро дар бораи додани патент (минбаъд–ариза) аризадиҳанда ба Идораи патентӣ пешниҳод мекунад.

Ариза ба воситаи намояндаи аризадиҳанда ва ё намояндаи патентие, ки дар Идораи патентӣ ба қайд гирифта шудааст, пешниҳод шуда метавонад.

Ариза бояд ба як намунаи саноатӣ дахл дошта бошад ва метавонад вариантҳои ин намунаро дар бар гирад (талаботи ягонагии намунаи саноатӣ).

Ариза бояд ҳуҷҷатҳои зеринро дар бар гирад:

- арзнома (ба забони давлатӣ) дар бораи додани патент бо нишон додани номи намунаи саноатӣ, муаллиф(он)и намунаи саноатӣ ва шахс(он)е, ки ба номи ӯ (онҳо) патент дархост карда мешавад, инчунин ҷои истиқомат ва ё маҳалли ҷойгиршавии онҳо;
- маҷмӯи тасвирҳо ки дар бораи намуди зоҳирии маҳсулот тасаввуроти пурраю мукаммал медиҳанд;
- тавсифи намунаи саноатӣ ки номгӯи аломатҳои асосии онро дар бар мегирад;
- нақшаи намуди умумии маҳсулот, схемаи эргономӣ, харитаи конфексионӣ, агар онҳо барои ошкор намудани моҳияти намунаи саноатӣ зарур бошанд.

Ба ариза ҳуҷҷати тасдиққунандаи пардохти боҷ барои пешниҳоди ариза ва ҳуҷҷати тасдиққунандаи асосҳо барои насупурдани боҷ ё кам кардани андозаи он илова карда мешавад. Ҳуҷҷатҳои мазкурро якҷоя бо ариза ва ё дар муддати се моҳи баъд аз санаи пешниҳоди ариза ба Идораи патентӣ супоридан мумкин аст.

Талаботро ба ҳуҷҷатҳои ариза Идораи патентӣ муқаррар менамояд.

***Моддаи 12. Санаи пешниҳоди ариза***

Санаи пешниҳоди ариза аз рӯи санаи ба Идораи патентӣ ворид шудани маҷмӯи ҳуҷҷатҳое, ки дар зербандҳои якум, дуюм ва сеюми қисми чоруми моддаи 11 ҳамин Қонун номбар шудаанд, муқаррар карда мешавад.

Қарор дар бораи муқаррар намудани санаи пешниҳоди ариза баъди ба Идораи патентӣ ворид шудани ҳуҷҷате, ки пардохта шудани боҷи барои пешниҳоди ариза таъиншударо тасдиқ мекунад, ба аризадиҳанда фиристода мешавад.

Дар ҳолати вайрон намудани талаботи моддаи 11 ин Қонун ариза пешниҳоднашуда ҳисоб карда мешавад.

***Моддаи 13. Бо ташаббуси аризадиҳанда ислоҳ намудани ҳуҷҷатҳои ариза***

Аризадиҳанда дар давоми се моҳи баъди санаи пешниҳоди ариза ҳуқуқ дорад, ки бе тағйир додани моҳияти намунаи саноатии арзшуда ба маводҳои он ислоҳу тасҳеҳ дохил намояд.

Ислоҳот ва тасҳеҳотро дар сурати пардохтани боҷи дахлдор баъди гузаштани мӯҳлати семоҳа, лекин на дертар аз баровардани қарор аз рӯи натиҷаҳои санҷиши моҳиятӣ, низ дохил кардан мумкин аст.

***Моддаи 14. Бозхондани ариза***

Аризадиҳанда ҳуқуқ дорад, ки аризаро то санаи бақайдгирии намунаи саноатӣ дар Феҳристи намунаҳои саноатӣ бозхонад.

***Моддаи 15. Махфӣ будани коргузорӣ аз рӯи ариза***

Идораи патентӣ дар доираи коргузорӣ аз рӯи ариза то нашр шудани маълумот дар бораи

патент барои намунаи саноатӣ, ба истисноии ҳолатҳое, ки дар ин бора хоҳиш ва ё иҷозати аризадиҳанда бошад, ба ҳеҷ кадом шахс иҷозати дастрас намудани аризаро намедиҳад. Ҳар як амале, аз ҷумла хабари шахсӣ, ки дар натиҷаи он шахсони сеюм метавонанд дар бораи ариза маълумот гиранд, дастрас намудани ариза ба ҳисоб меравад.

## БОБИ 5.
## АВВАЛИЯТИ НАМУНАИ САНОАТӢ

***Моддаи 16. Шартҳои муқаррар намудани аввалият***

Аввалияти намунаи саноатӣ аз рӯи санаи пешниҳоди ариза, ки мувофиқи моддаи 12 Қонуни мазкур муайян мегардад, муқаррар карда мешавад.

Аввалият аз рӯи санаи воридшавии маводҳои иловагӣ низ муқаррар шуданаш мумкин аст, агар ин маводҳоро аризадиҳанда то гузаштани мӯҳлати семоҳа аз санаи гирифтани огоҳиномаи Идораи патентӣ дар бораи имконнопазирии баэътиборгирии маводҳои иловагӣ, бинобар моҳияти намунаи саноатии арзшударо тағйирдиҳанда дониста шуданашон, ба сифати аризаи мустақил пешниҳод карда бошад.

Аввалият аз рӯи санаи ба Идораи патентӣ пешниҳод шудани аризаи қаблии худи ҳамин аризадиҳанда, ки дар он намунаи саноатии пешниҳодшаванда маънидод шудааст, муқаррар карда шуданаш мумкин аст, агар аризае, ки аз рӯи он ин гуна аввалият дархост мешавад, на дертар аз шаш моҳи баъди санаи пешниҳоди аризаи қаблӣ ворид шуда бошад. Дар ин ҳол аризаи қаблӣ бозхондашуда ҳисобида мешавад.

Аввалият дар асоси якчанд аризаи қаблӣ, ки барои ҳар кадоми онҳо шартҳои дар қисми сеюми ҳамин модда овардашуда риоя мегарданд, метавонад муқаррар шавад.

Муқаррар намудани аввалият аз рӯи санаи пешниҳоди аризае, ки аз рӯи он аллакай мувофиқи қисмҳои сеюм ва чоруми ин модда аввалияти пештар дархост шудааст, мумкин нест.

Аввалияти намунаи саноатӣ аз рӯи аризаи ҷудокардашуда аз рӯи санаи ба Идораи патентӣ ворид шудани аризаи нахустини ошкоркунандаи намунаи саноатии ҳамон як аризадиҳанда муқаррар карда мешавад, агар аризаи ҷудокардашуда то аз рӯи аризаи нахустин қабул шудани қарор дар бораи надодани патент, ки имконияти шикоят аз болои он аз даст рафтааст, ворид шуда бошад ва дар ҳолати гирифтани қарор оид ба додани патент аз рӯи аризаи зикршуда, агар аризаи ҷудокардашуда то санаи дар Феҳристи давлатӣ ба қайд гирифта шудани намунаи саноатӣ ворид шуда бошад.

Агар дар рафти санҷиш муқаррар карда шавад, ки намунаҳои саноатии ҳаммонанд санаи аввалияти якхела доранд, пас патент аз рӯи аризае, ки ба Идораи патентӣ пештар фиристода шудани он исбот карда шудааст, дода мешавад. Ҳангоми мувофиқ омадани ин санаҳо (агар созишномаи байни аризадиҳандагон ҳолати дигареро дар назар надошта бошад), патент аз рӯи аризае дода мешавад, ки он рақами бақайдгирии пештар додашудаи Идораи патентиро дорад.

***Моддаи 17. Аввалияти созишномавӣ***

Аввалият аз рӯи санаи дар давлати иштирокчии Созишномаи Париж пешниҳод шудани аризаи якум барои намунаи саноатӣ муқаррар шуданаш мумкин аст (аввалияти созишномавӣ) , агар ариза оид ба ҳамин намунаи саноатӣ ба Идораи патентӣ дар давоми шаш моҳ аз санаи зикршуда ворид шуда бошад. Агар бо сабабҳои аз аризадиҳанда новобаста ариза бо дархости аввалияти созишномавӣ дар мӯҳлати зикршуда пешниҳод нашуда бошад, ин мӯҳлат бо дархости аризадиҳанда ба муддати на зиёда аз ду моҳ дароз карда шуданаш мумкин аст.

Аризадиҳандае, ки хоҳиши истифода намудани ҳуқуқи аввалияти конвенсиониро дорад, бояд ин хоҳишашро ҳангоми пешниҳоди ариза ва ё дар давоми ду моҳи баъди санаи ба Идораи патентӣ ворид шудани ариза изҳор намояд ва нусхаи аризаи якумро илова кунад ва ё онро на дертар аз се моҳи баъди санаи ба Идораи патентӣ пешниҳод кардани ариза ба Идораи патентӣ фиристонад.

Аввалияти намунаи саноатӣ аз рӯи санаи дар намоишгоҳи расмӣ ва ё расман шинохташудаи байналмилалӣ гузошта шудани намунаи саноатӣ муқаррар карда шуданаш мумкин аст, агар аризае, ки аввалият аз рӯи он дархост карда мешавад, ба Идораи патентӣ дар давоми шаш моҳи баъди санаи дар намоишгоҳ ҷойгиронидани намунаи саноатӣ ворид шуда бошад.

## БОБИ 6.
## САНҶИШИ АРИЗА ВА ГИРИФТАНИ ПАТЕНТ

***Моддаи 18. Санҷиши расмии ариза***

Идораи патентӣ баъди гузаштани се моҳ аз санаи пешниҳоди ариза аз рӯи он санҷиши расмӣ мегузаронад. Мувофиқи дархости хаттии аризадиҳанда санҷиши расмӣ то гузаштани мӯҳлати зикршуда оғоз шуда метавонад. Дар ин ҳолат аризадиҳанда аз лаҳзаи пешниҳод кардани дархост аз ҳуқуқи бе пардохти боҷ бо ташаббуси худ ислоҳ ва саҳеҳ кардани ҳуҷҷатҳои ариза, ки моддаи 13 ҳамин Қонун пешбинӣ намудааст, маҳрум мешавад.

Дар рафти гузаронидани санҷиши расмии ариза мувофиқи моддаи 11 Қонуни мазкур мавҷуд будани ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва риояи талаботи нисбати онҳо муқарраршуда тафтиш карда шуда, масъала дар бораи он ки тарҳи бадеию конструктории арзшуда ба намунаҳои саноатии ба онҳо мувофиқи моддаи 5 ҳамин Қонун ҳифзи ҳуқуқӣ додашаванда дахл дорад ё не, баррасӣ мешавад.

Агар аризадиҳанда мувофиқи моддаи 13 ҳамин Қонун аз рӯи ариза маводи иловагӣ пешниҳод намояд, дар рафти санҷиш моҳияти намунаи саноатии арзшударо тағйир надодани онҳо тафтиш карда мешавад.

Маводи иловагӣ моҳияти намунаи саноатии арзшударо тағйир медиҳанд, агар онҳо аломатҳои ба номгӯи аломатҳои асосӣ воридкардашавандаю дар маводҳои ибтидоии арзнома мавҷуд набударо дар бар гиранд. Маводи иловагӣ дар қисми тағйирдиҳандаи моҳияти намунаи саноатии арзшуда ҳангоми баррасии ариза ба эътибор гирифта намешаванд ва метавонанд аз ҷониби аризадиҳанда ба сифати аризаи мустақил ба расмият дароварда шаванд.

Агар ариза бо риояи ҳамаи талаботи муқарраршуда пешниҳод шуда бошад, аризадиҳанда дар бораи натиҷаи мусбии санҷиши расмӣ хабардор карда мешавад.

Аз рӯи аризае, ки бо вайрон намудани талабот ба ҳуҷҷатҳои он тартиб дода шудааст, ба аризадиҳанда дархост фиристода мешавад, ки дар муддати се моҳи баъди гирифтани дархост ҳуҷҷатҳои ислоҳшуда ё набударо пешниҳод кунад. Агар аризадиҳанда дар мӯҳлати зикргардида маводи дархостшуда ва ё дархостро дар бораи дароз кардани мӯҳлати муқарраршуда пешниҳод накунад, ариза бозхондашуда ҳисоб мегардад.

Аз рӯи аризаи бо вайрон намудани талаботи ягонагии намунаи саноатӣ пешниҳодшуда ба аризадиҳанда пешниҳод карда мешавад, ки дар давоми се моҳи баъди санаи гирифтани огоҳиномаи дахлдор хабар диҳад, ки кадоме аз таклифҳо бояд баррасӣ шаванд ва дар ҳолати зарурӣ ба ҳуҷҷатҳои ариза тасҳеҳ дарорад. Барои намунаҳои саноатии дигари, ба маводи аризаи нахустин дохилшуда, аризадиҳанда ҳуқуқи ба расмият даровардани аризаҳои ҷудо кардашударо дорад.

Агар аризадиҳанда дар давоми се моҳи баъди гирифтани огоҳинома оид ба вайрон шудани талаботи ягонагии намунаи саноатӣ дар бораи он ки кадоме аз тарҳҳои бадеию конструкторӣ бояд баррасӣ шаванд, хабар надиҳад ва ҳуҷҷатҳои тасҳеҳшударо пешниҳод накунад, баррасии тарҳи бадеию конструктории якуме, ки дар ариза нишон дода шудааст, ҳамчунин вариантҳои он, агар ин гуна вариантҳо бошанд, гузаронида мешавад.

Аризадиҳанда ҳангоми бо қарори санҷиш норозӣ буданаш ҳуқуқ дорад, ки дар муддати чор моҳи баъди санаи баровардани қарор ба Шӯрои шикоятӣ эътироз пешниҳод намояд. Эътироз бояд дар давоми шаш моҳ баррасӣ шавад.

***Моддаи 19. Санҷиши моҳиятии ариза***

Санҷиши моҳиятии ариза мувофиқи дархости аризадиҳанда (ё шахси сеюм), ки дар мӯҳлати на зиёдтар аз дувоздаҳ моҳ аз рӯзи ба Идораи патентӣ ворид шудани ҳамаи маводҳои дар моддаи 11 Қонуни мазкур номбаргардида пешниҳод шудааст, дар сурати пардохта шудани боҷи дахлдор гузаронида мешавад.

Агар дархост дар бораи гузаронидани санҷиши моҳиятӣ дар муддати дувоздаҳ моҳ пешниҳод карда нашавад, ариза бозхондашуда ҳисоб мегардад.

Дар рафти санҷиши моҳиятии ариза аввалияти намунаи саноатӣ муқаррар карда шуда, шартҳои патентпазирии намунаи саноатӣ мувофиқи моддаи 5 Қонуни мазкур тафтиш карда

мешаванд.

Идораи патентӣ ҳангоми гузаронидани санҷиши моҳиятии ариза ҳуқуқ дорад аз аризадиҳанда маводи иловагӣ дархост намояд. Маводҳои иловагие, ки маҷмӯи аломатҳои асосии намунаи саноатиро тағйир медиҳанд, барои баррасӣ қабул карда намешаванд. Онҳо метавонанд аз ҷониби аризадиҳанда ҳамчун аризаи мустақил, ки аввалияташ аз санаи воридшавии маводи иловагӣ муқаррар мегардад, пешниҳод шаванд.

Агар Идораи патентӣ дар натиҷаи гузаронидани санҷиши моҳиятии ариза муқаррар намояд, ки намунаи саноатии арзшуда дар ҳаҷми аз ҷониби аризадиҳанда дархостшудаи ҳифзи ҳуқуқӣ ба шартҳои патентпазирии намунаи саноатӣ, ки моддаи 5 Қонуни мазкур муайян намудааанд, мувофиқат мекунад, дар бораи додани патент қарор мебарорад.

Агар муқаррар карда шавад, ки намунаи саноатии арзшуда дар ҳаҷми дархостшудаи ҳифзи ҳуқуқӣ ба шартҳои патентпазирӣ мувофиқат намекунад, дар бораи рад шудани додани патент қарор бароварда мешавад.

Аризадиҳанда ҳуқуқ дорад бо маводҳои дар дархости санҷиш, дар қарори санҷиш ва ё дар ҳисобот оид ба ҷустуҷӯ нишондодашуда шинос гардад. Нусхаҳои маводҳои патентии дархостшударо Идораи патентӣ дар давоми ду моҳ, аз рӯзи гирифтани дархост ба аризадиҳанда, мефиристад.

Ҳангоми норозӣ будан бо қарор дар бораи радди додани патент аризадиҳанда ҳуқуқ дорад, ки дар давоми чор моҳи баъди санаи фиристонидани қарор ба Шӯрои шикоятӣ эътирози дахлдорро пешниҳод намояд. Шӯрои шикоятӣ эътирозро бояд дар муддати шаш моҳ аз рӯзи ворид шудани он дида барояд.

Агар аризадиҳанда бо қарори Шӯрои шикоятӣ розӣ набошад, метавонад дар муддати шаш моҳ аз рӯзи гирифтани қарор ба суд муроҷиат намояд.

Мӯҳлатҳои пешниҳодкунии маводҳоро аз рӯи дархости санҷиш ва пешниҳод кардани эътирозро ба Шӯрои шикоятӣ, ки аризадиҳанда гузаронидааст, Идораи патентӣ метавонад аз рӯи дархости пешниҳоднамудаи аризадиҳанда, ки на дертар аз дувоздаҳ моҳ аз рӯзи гузаштани мӯҳлати гузаронидашуда фиристода шудааст, дар сурати пардохта шудани боҷи дахлдор барқарор намояд.

***Моддаи 20. Нашри маълумот оид ба додани патент***

Идораи патентӣ дар муддати шаш моҳи баъди қабули қарор дар бораи додани патент дар хабарномаи расмӣ оид ба патенти додашуда маълумот нашр мекунад, ки номи муаллиф(он) (дар ҳолати розӣ буданашон) ва доранда(гон)-и патент, ном, санаи аввалият, номгӯи аломатҳои асосӣ, тасвири намунаи саноатӣ ва дигар маълумотеро, ки Идораи патентӣ лозим медонад, дарбар мегирад.

***Моддаи 21. Бақайдгирии намунаи саноатӣ ва додани патент***

Идораи патентӣ дар муддати се моҳи баъди санаи гирифтани ҳуҷҷатҳо дар бораи пардохти боҷ барои бақайдгирӣ ва додани патент намунаи саноатиро ба Феҳристи давлатии намунаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мекунад ва патентро ба соҳиби патент медиҳад.

Таркиби маълумоте, ки ба Феҳристи давлатии намунаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда мешавад ва таркиби маълумоте, ки дар патент нишон дода мешавад, аз ҷониби Идораи патентӣ муқаррар мегардад.

Дар ҳолати мавҷуд будани якчанд шахсе, ки ба номашон патент дархост карда мешавад, ба онҳо як патент дода мешавад. Идораи патентӣ ба муаллиф (муаллифон)-и намунаи саноатӣ шаҳодатномаи тасдиқкунандаи муаллифии онҳоро медиҳад.

Ҳангоми мувофиқи тартиби муқарраршуда, пешниҳод нашудани ҳуҷҷате, ки пардохтани боҷро барои бақайдгирӣ ва додани патент тасдиқ мекунад, бақайдгирии намунаи саноатӣ ва додани патент ба амал бароварда намешавад ва аризаи дахлдор бозхондашуда ба ҳисоб меравад.

## БОБИ 7.
## ҲУҚУҚИ ИСТИСНОИИ ИСТИФОДАИ НАМУНАИ САНОАТӢ

*Моддаи 22. Ҳуқуқҳои дорандаи патент*

Ба дорандаи патент ҳуқуқи истисноии мувофиқи ихтиёри худ истифода бурдани намунаи саноатии бо патент ҳифзшаванда, агар ин истифодабарӣ ҳуқуқҳои дорандагони патентҳои дигарро халалдор накунад, аз ҷумла, ҳуқуқи манъ кардани истифодаи намунаи саноатӣ аз ҷониби дигарон, ғайр аз ҳолатҳое, ки ин гуна истифодабарӣ тибқи Қонуни мазкур вайронкунии ҳуқуқи дорандаи патент маҳсуб намешавад, тааллуқ дорад.

Муносибатҳои тарафҳоро оид ба истифодаи намунаи саноатӣ, ки патент барои он ба якчанд шахс тааллуқ дорад, шартномаи байни онҳо муайян мекунад. Ҳангоми набудани ин гуна шартнома ҳар як дорандаи патент намунаи саноатии ҳифзшавандаро бо ихтиёри худ истифода бурда метавонад, вале бе розигии дорандагони дигари патенти мазкур ҳуқуқи ба шахси дигар додани иҷозатнома (литсензия) ва ё вогузор кардани патентро надорад.

Агар дорандаи патент намунаи саноатиро бе вайронкунии ҳуқуқҳои дорандаи патенти дигар истифода бурда натавонад, ӯ ҳақ дорад аз охирин бастани шартномаро дар бораи додани иҷозатнома (шартномаи литсензионӣ) талаб кунад.

Дорандаи патент ҳуқуқ дорад патенти гирифтаашро ба шахси дилхоҳи воқеӣ ё ҳуқуқӣ вогузор кунад.

Шартнома дар бораи вогузоркунии патент бояд дар Идораи патентӣ ба қайд гирифта шавад ва бе ин гуна бақайдгирӣ он беэътибор дониста мешавад.

Ҳуқуқи истисноии дорандаи патент аз санаи дар хабарномаи расмӣ нашр шудани маълумот оид ба додани патент амал мекунад.

Патент барои намунаи саноатӣ ва ҳуқуқи гирифтани он ба мерос мемонад.

*Моддаи 23. Додани ҳуқуқ ба истифодаи намунаи саноатӣ*

Ҳар як шахсе, ки дорандаи патент ба ҳисоб намеравад, ба истифодаи намунаи саноатии бо патент ҳифзшуда танҳо бо иҷозати дорандаи патент дар асоси шартномаи литсензионӣ ҳуқуқ дорад.

Мувофиқи шартномаи литсензионӣ дорандаи патент (иҷозатномадеҳ) ӯҳдадор мешавад, ки ҳуқуқро барои истифодаи намунаи саноатии ҳифзшуда дар ҳаҷми дар шартнома пешбинишуда ба шахси дигар (иҷозатномагир), ки ӯ ӯҳдадории иҷро намудани ҳамаи амалҳои дар шартнома пешбинишударо ба зиммаи худ мегирад, диҳад.

Дар ҳолати додани иҷозатномаи истисноӣ ҳуқуқи истисноии истифодаи намунаи саноатӣ дар ҳудуди дар шартнома зикршуда ба иҷозатномагир мегузарад. Ҳуқуқи истифодаи намунаи саноатӣ дар қисми ба иҷозатномагир доданашаванда дар ҷониби иҷозатномадеҳ мемонад.

Дар ҳолати додани иҷозатномаи ғайриистисноӣ иҷозатномадеҳ ба иҷозатномагир ҳуқуқи истифодаи намунаи саноатиро дода, дар айни замон ҳамаи ҳуқуқҳоеро, ки патент тасдиқ мекунад, аз ҷумла ҳуқуқи ба шахсони сеюм додани иҷозатномаҳоро, нигоҳ медорад.

Шартномаи литсензионӣ бояд ҳатман дар Идораи патентӣ ба қайд гирифта шавад ва бе чунин бақайдгирӣ он беэътибор дониста мешавад.

Дорандаи патент метавонад ба Идораи патентӣ дар бораи ба шахси дилхоҳ дода шудани ҳуқуқ барои истифодаи намунаи саноатӣ ариза (иҷозатномаи кушода) диҳад. Дар ин ҳолат боҷ барои нигоҳ доштани эътибори патент аз соли баъди нашри маълумот оид ба мавҷудияти чунин ариза 50 фоиз кам карда мешавад.

Ҳангоми бозхондани иҷозатномаи кушода боҷ барои нигоҳ доштани эътибори патент дар давоми вақти амали иҷозатномаи кушода пардохта нашуда, минбаъд ин боҷ ба андозаи пуррааш пардохта мешавад.

Шахсе, ки хоҳиши гирифтани иҷозатномаи кушодаро дорад, бояд бо дорандаи патент оид ба пардохтҳо шартнома бандад.

*Моддаи 24. Вайронкунии ҳуқуқи истисноӣ*

Ҳар як шахси воқеӣ ва ё ҳуқуқие, ки намунаи саноатиро бар хилофи Қонуни мазкур истифода мебарад, вайронкунандаи ҳуқуқи истисноии дорандаи патент (вайронкунандаи патент) ҳисобида мешавад.

Бе иҷозати дорандаи патент сохтан, татбиқ намудан, овардан, нигоҳ доштан, фурӯхтан, бо роҳи

дигар ба гардиши хоҷагӣ даровардан ва ё бо ин мақсад нигоҳ доштани маҳсулоте, ки намунаи саноатии патентнокшударо дар бар мегирад, вайронкунии ҳуқуқи истисноии дорандаи патент (вайронкунии патент) ҳисобида мешавад.

Агар маснуот ҳамаи аломатҳои асосии намунаи саноатиро, ки дар нақшаҳо тасвир ёфтаанд ва дар тавсифи намунаи саноатӣ оварда шудаанд, дар бар гирад, он гоҳ ин маснуот ҳамчун дарбаргирандаи намунаи саноатии ҳифзшаванда эътироф мегардад.

Дорандаи патент ҳуқуқи талабҳои зеринро дорад:

- қатъ намудани вайронкунии патент;

- аз ҷониби шахси ба вайронкунии патент айбдоркардашуда додани подоши зарарҳои расонидашуда, аз ҷумла фоидаи аз даст додашуда ва ҷуброни зарари маънавӣ;

- ситонидани фоидае, ки аз истифодаи ғайриқонунии намунаи саноатӣ ба даст омадааст;

- ба фоидаи худ мусодира намудани маҳсулоте, ки ба гардиши хоҷагидорӣ дароварда мешавад ва ё бо ин мақсад нигоҳ дошта мешаваду вайронкунандаи патент маҳсуб мегардад, ҳамчунин мусодираи воситаҳои барои вайрон кардани патент пешбинишуда;

- бо мақсади барқарор намудани обрӯи кории худ дар нашрияҳои расмии Идораи патентӣ нашр намудани қарори суд.

Талаботро ба вайронкунандаи патент дорандаи литсензияи истисноӣ, агар дар шартномаи литсензионӣ ҳолати дигаре пешбинӣ нашуда бошад ва ё дорандаи литсензияи ғайриистисноӣ, агар ин дар шартномаи литсензионӣ пешбинӣ шуда бошад, низ арз карда метавонад.

***Моддаи 25. Амалҳое ки вайронкунии ҳуқуқи истисноӣ ҳисоб намешаванд***

Амалҳои зерин вайронкунии ҳуқуқи истисноии дорандаи патент ҳисоб намешаванд:

- дар сохтор ва ё ҳангоми истифодаи воситаҳои нақлиёти (рӯизаминӣ, ҳавоӣ ва обӣ) мамлакатҳои дигар татбиқ намудани василаҳое, ки намунаҳои саноатии патентнокшударо дар бар мегиранд, ба шарте ки воситаҳои нақлиёти номбаршуда муваққатан ва ё тасодуфан дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бошанд ва барои эҳтиёҷоти нақлиёт истифода бурда шаванд. Ин гуна амалҳо дар он сурат вайронкунии ҳуқуқи истисноии дорандаи патент ҳисоб намешаванд, ки агар воситаҳои нақлиёт ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии мамлакатҳое, ки ба дорандагони воситаҳои нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамин гуна ҳуқуқҳоро медиҳанд, тааллуқ дошта бошанд;

- гузаронидани тадқиқоту таҷрибаи илмӣ аз болои воситаҳое, ки намунаҳои саноатии патентнокшударо дар бар мегиранд;

- ҳангоми рӯй додани ҳодисаҳои фавқулодда (офатҳои табиӣ, фалокатҳо, садамаҳои калон) истифода намудани воситаҳое, ки намунаҳои саноатии бо патент ҳифзшавандаро дар бар мегиранд, бо пардохтани ҷуброни андозааш мувофиқ ба дорандаи патент;

- на барои ба даст овардани фоида истифода намудани воситаҳои намунаҳои саноатиро дарбаргиранда;

- татбиқ намудан, барои фурӯш пешниҳод намудан, фурӯхтан, ворид кардан ва бо ҳамин мақсадҳо нигоҳ доштани маҳсулоте, ки намунаҳои саноатии бо патент ҳифзшударо дар бар мегирад, агар ин маҳсулот бо роҳи қонунӣ ба гардиши хоҷагӣ дароварда шуда бошад.

***Моддаи 26. Ҳуқуқи истифодаи пешина***

Ҳар кадом шахси воқеӣ ва ҳуқуқие, ки то санаи аввалияти намунаи саноатӣ, новобаста аз муаллифи он, дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон намунаи саноатии ҳаммонандро офарида, истифода бурда бошад ва ё барои истифодаи он тайёриҳои зарурӣ дида бошад, ҳуқуқи минбаъд ройгон истифода бурдани намунаи саноатиро бе васеъ кардани ҳаҷми ин гуна истифодабарӣ нигоҳ медорад.

Ҳуқуқи истифодаи пешин ба шахси дигар танҳо якҷоя бо истеҳсолоте, ки дар он истифодаи намунаи саноатии ҳаммонанд ҷой дошт ва ё тайёриҳои зарурӣ барои он дида шудаанд, дода шуданаш мумкин аст.

## БОБИ 8.
## ҚАТЪ НАМУДАНИ АМАЛИ ПАТЕНТ

*Моддаи 27. Мавриди баҳс қарор гирифтани патент*

Мувофиқи эътирозномаи шахси дилхоҳ патент дар давоми амали худ дар мавридҳои зерин метавонад пурра ё қисман беэътибор дониста шавад:

- ошкор кардани номувофиқатии намунаи саноатӣ ба шартҳои патентпазирии муқаррарнамудаи Қонуни мазкур;
- мавҷуд будани аломатҳои асосие ки дар маводҳои пешинаи арзнома вуҷуд надоштанд;
- дар патент нодуруст нишон дода шудани муаллиф(он) ва ё доранда(гон) - и патент.

Эътирозномае, ки дар асоси шартҳои дар бандҳои якум ва дуюми қисми якуми моддаи мазкур зикршуда зидди додани патент ба Шӯрои шикоятӣ дода мешавад, бояд дар давоми шаш моҳи баъди санаи ворид гардидани он баррасӣ шавад. Дар ин сурат дорандаи патент бояд бо эътирознома шинос карда шавад.

Дар ҳолати норозӣ будан бо қарори Шӯрои шикоятӣ нисбати эътирознома ҳар як тараф метавонад дар муддати шаш моҳ аз санаи қабул карда шудани қарор ба суд муроҷиат намояд.

*Моддаи 28. Пеш аз мӯҳлат қатъ намудани амали патент*

Амали патент дар ҳолатҳои зерин пеш аз мӯҳлат қатъ карда мешавад:

- ҳангоми пурра беэътибор донистани патент мувофиқи моддаи 27 Қонуни мазкур;
- дар асоси аризаи ба Идораи патентӣ додаи дорандаи патент;
- ҳангоми дар муддати муқарраршуда напардохтани боҷ барои нигаҳдории эътибори патент.

Идораи патентӣ дар хабарномаи расмӣ дар бораи пеш аз мӯҳлат қатъ гардидани амали патент маълумот нашр менамояд.

*Моддаи 29. Барқарор кардани амали патент. Ҳуқуқи истифодаи баъдӣ*

Амали патент, ки дар асоси банди чоруми қисми якуми моддаи 28 Қонуни мазкур қатъ гардидаст, аз рӯи дархости дорандаи патент, дар давоми ҳаждаҳ моҳ аз рӯзи ба охир расидани мӯҳлати пардохти боҷ, барои нигаҳдории эътибори патент дар сурати мавҷуд будани сабабҳои узрнок ва пешниҳоди ҳуҷҷат дар бораи пардохта шудани боҷи барқароркунии амали патент, барқарор карда шуданаш мумкин аст.

Идораи патентӣ дар хабарномаи расмӣ маълумотро оид ба барқарор карда шудани амали патент нашр мекунад.

Шахсе, ки дар давраи байни санаи қатъ гардидан ва санаи барқарор карда шудани амали патент дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истифодаи намунаи саноатии ҳифзшаванда сар кардааст ва ё барои он тайёрии зарурӣ дидааст, ҳуқуқи минбаъд ройгон истифода намудани онро, бе васеъкунии ҳаҷми истифодабарӣ, нигоҳ медорад (ҳуқуқи истифодаи баъдӣ).

Ҳуқуқи истифодаи баъдӣ ба шахси дигар танҳо якҷоя бо истеҳсолоте, ки дар он истифодаи намунаи саноатӣ ҷой дошт ва ё барои он тайёрии зарурӣ дида шуда буд, дода шуданаш мумкин аст.

**БОБИ 9.**
**ҲИМОЯИ ҲУҚУҚҲОИ ДОРАНДАГОНИ ПАТЕНТ ВА МУАЛЛИФОН**

*Моддаи 30. Ба тариқи судӣ баррасӣ намудани баҳсҳо*

Ба тариқи судӣ баҳсҳои зерин баррасӣ мешаванд:

- оид ба муаллифии намунаи саноатӣ;
- оид ба муқаррар намудани дорандаи патент;
- оид ба вайрон карда шудани ҳуқуқи истисноӣ ба намунаи саноатӣ;
- оид ба бастан ва иҷрои шартномаҳои вогузории ҳуқуқ ва шартномаҳои литсензионӣ дар бораи истифодаи намунаи саноатӣ;
- оид ба ҳуқуқи истифодаи пешин ва баъдӣ;
- оид ба андоза, мӯҳлат ва тартиби пардохти подоше, ки бояд ба муаллифи намунаи саноатӣ тибқи Қонуни мазкур дода шавад;
- оид ба андоза, мӯҳлат ва тартиби пардохти ҷубронҳое, ки Қонуни мазкур муқаррар кардааст;
- баҳсҳои дигаре ки ба ҳифзи ҳуқуқҳои бо патент тасдиқшаванда вобастаанд.

***Моддаи 31. Масъулият барои вайронкунии Қонуни мазкур***

Барои вайрон кардани Қонуни мазкур мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, вайронкунандаи он ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ-гражданӣ, маъмурӣ ё ҷиноӣ кашида мешавад.

## БОБИ 10.
## МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

***Моддаи 32. Боҷҳо ва пардохтҳои корбарӣ***

Барои иҷрои амалҳои аҳамияти ҳуқуқӣ доштаи марбут ба патент боҷҳо ва пардохтҳои корбарӣ ситонида мешаванд. Номгӯи амалҳое, ки барои иҷрояшон боҷҳо ё пардохтҳои корбарӣ пешбинӣ шудаанд, андоза, тартиб ва мӯҳлатҳои пардохти онҳо, инчунин асосҳо барои озод намудан аз пардохт, кам кардани андозаи пардохт ва ё бозгардонидани пардохт бо тартибе, ки қонунгузорӣ муайян намудааст, муқаррар карда мешаванд.

***Моддаи 33. Ҳуқуқи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ***

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ аз ҳамаи ҳуқуқҳое, ки дар ҳамин Қонун пешбинӣ шудаанд, дар асоси шартномаҳои байналмилалӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст ё дар асоси принсипи муомилаи мутақобил баробари шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мебаранд.

***Моддаи 34. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур***

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Э.Раҳмонов**

**ш.Душанбе 28 феврали соли 2004**
**№ 16**